


# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи **18 -уми январи соли 2025** конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи **Рушди институтсионалии фаъолияти гумрукӣ дар шароити муосир** дар пояи кафедраи фаъолияти гумрукӣ доир менамояд. Ба конференсияи мазкур кормандони хадамоти гумрук, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конференсия масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

1. Саҳми Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Масоили рушди институтсионалии фаъолияти гумрук дар шароити ҷаҳонишавӣ;
3. Рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити муосир;
4. Самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои рақамии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ;
5. Барасмиятдарории гумрукии молҳо дар шароити рақамикунонӣ;
6. Иқтисодиёти сабз ва нақши гумрук дар таҳкими он.

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо, докторантоне, ки дар кори конференсия хоҳиши ширкат варзидан доранд, метавонанд то **28-уми декабри соли 2024** мақолаҳои худро ба суроғаи электронии conference_tguk@internet.ru ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

**Забони конференсия:** *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman Tj (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷа ва унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;

- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (**бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт**) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;

- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан [**2, с.42**]) оварда шаванд;

- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp», «jpg», «dwg», «gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

Намуна

Алиев Маҳмадҷон Баҳронович
Дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ
E-mail:_______________________

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннататсия: .....

Калидвожаҳо: ...... . . . . .

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

АДАБИЁТ

1. А
2. Б
3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то **28-уми декабри соли 2024** пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 13 январи соли 2025 фиристода мешаванд.

Ғаюрӣ Р.С. (мутасаддӣ) **Тел.:** (+992 34) 234-85-44, (+992) 909113378.

**E-mail:** conference_tguk@internet.ru
**E-mail:** gaurovarano@gmail.com

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**